«Тасдиқ мекунам»
Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
_________ Сафарзода Д.Ҷ.
«_18_» ___06___ 2025 с.

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар мавзуи «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар мавзуи «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)» бо шиносномаи ихтисоси илмии 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат дорад. Дар шиносномаи ихтисоси мазкур таҳқиқи ҷомеаи иттилоотӣ ва таъсири омилҳои иттилоотӣ ба раванди сиёсии ҷомеа пешбинӣ гардидаанд. Аз ин рӯ, мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси мазкур пурра мутобиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мубрамии таҳқиқи мавзуи интихобгардида дар он ифода меёбад, ки масъалаи ҷомеаи иттилоотӣ аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ то ҳанӯз дар сатҳи зарурӣ мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст. Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити Тоҷикистон бори аввал аст, ки объекти алоҳидаи таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст. Махсусан, дар илмҳои сиёсӣ бо дарназардошти омилҳои сиёсии ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ мавриди таҳқиқ қарор додани ин масъала иқдоми нав мебошад. Аз ин рӯ, чунин ҳолат имкон медиҳад, ки муҳиммияти омӯзиши масъалаи мазкурро таҳқиқоти нав ва саривақтӣ муаррифӣ намоем. Дар ин маврид мубрамии ин масъала бешак аён аст.

Муаллиф дар таҳқиқоти худ дуруст қайд намудааст, ки «раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар замони муосир яке аз масъалаҳои муҳимми рушду инкишофи ҷомеа маҳсуб ёфта, ба тамоми соҳаҳои ҳаёти

ҷамъиятӣ таъсири амиқ расонида, рафтори одамон, муносибатҳои ҷамъиятӣ ва фаъолияти онҳоро ба куллӣ тағйир медиҳад. Дар раванди идоракунии давлатӣ истифода гардидани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ сиёсати давлатиро ба дигаргунии ҷиддӣ рӯ ба рӯ намуда, дар назди он вазифаҳои навро мегузорад». Воқеан ҳам гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ ва марҳила ба марҳила таъмин намудани рушду инкишофи инфрасохтори иттилоотии мамлакат талаботи даврӯ замон буда, дар соҳаи сиёсат – ҳукумати электронӣ, дар соҳаи иқтисодиёт – тиҷорати электронӣ, дар соҳаи иҷтимоиёт – хизматрасониҳои электронӣ ва дар соҳаҳои дигар низ муносибатҳои иттилоотию коммуникатсиониро ба вуҷуд меоранд ва дар заминаи онҳо рушду инкишофи соҳаҳои мазкурро таъмин менамоянд. Зарурияти рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва истифодаи самараноки онҳо, аз ин ҳолат вобаста будани рушди соҳаҳои гуногуни мамлакат омӯзиш, таҳқиқ ва баррасии паҳлуҳои гуногуни ин масъаларо боз ҳам афзун мегардонад. Бо дарназардошти чунин омил гуфтан мумкин аст, ки таҳқиқоти Таваров Д.С. дар самти омӯзиши ҷомеаи иттилоотӣ ва баррасии мушкилот ва дурнамои рушди ин гуна ҷомеа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кори илмию таҳқиқотии хеле мубрам ва пурарзиш мебошад.

Бояд гуфт, ки ҷомеаи иттилоотӣ ҳамчун категорияи илмӣ ва ҳамчун объекти таҳқиқот хусусияти байнифаннӣ дорад. Онро олимони соҳаҳои гуногуни илм бо назардошти предмети худ метавонанд мавриди омӯзиш қарор диҳанд. Таҳлилу баррасии диссертатсияи мазкур нишон медиҳад, ки муаллиф дар таҳқиқоти худ ин омилро ба инобат гирифта, дар ду боби алоҳида вобаста ба предмети илмҳои сиёсӣ бештар ба масъалаҳои сиёсии раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Бинобар ин, натиҷаҳои таҳқиқот, пеш аз ҳама, барои сиёсатшиносон ва ҷомеашиносон аҳамияти махсус дошта, инчунин барои онҳое, ки ба омӯзиши ҷомеаи иттилоотӣ мароқ зоҳир менамоянд, хеле муҳим мебошанд.

Масъалаи рушди соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ, паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва таъмин намудани рушди ояндаи мамлакат яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати мамлакат боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳқиқи омилҳои таъминкунандаи рушду инкишофи мамлакат масъалаҳои мубрам боқӣ хоҳанд монд. Ҷомеаи иттилоотӣ ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ омили муҳимми таъминкунандаи рушду инкишофи соҳаҳои гуногуни ҳаёти мамлакат дониста мешаванд. Дар робита бо ин гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Таваров Дилшодҷон Саидмуродович ба омӯзиши яке аз масъалаҳои

муҳимми замони муосир бахшида шуда, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаю пешниҳодҳои муаллиф барои рушди минбаъдаи ҷомеаи иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти илмию амалӣ дорад.

Дар таҳқиқоти мазкур дар баробари консепсияҳои илмии ҷомеаи иттилоотӣ, инчунин ба масъалаи рушди инфрасохтори иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ диққати махсус дода шудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки мушкилиҳои дар ин самт ҷойдоштаро нишон диҳад. Дар алоқамандӣ бо чунин зарурият омӯзиши паҳлуҳои гуногуни ҷомеаи иттилоотӣ, муайян намудани хусусиятҳои хосси он, илман асоснок намудани қонуниятҳои ташаккулёбии он яке аз самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ маҳсуб меёбанд.

**Дараҷаи асоснокии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба таҳлили раванди ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон бахшида шуда, кори муҳим ва саривақтиест, ки ҳам арзиши назариявӣ ва ҳам амалӣ дорад. Арзёбии дараҷаи асоснокии хулосаҳо ва натиҷаҳои илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда марҳилаи муҳим дар муайян кардани аҳамияти илмии он ва саҳми довталаб дар рушди назария ва амалияи ҷомеаи иттилоотӣ мебошад. Муаллифи диссертатсия фаҳмиши амиқи асосҳои назариявии ташаккули ҷомеаи иттилоотиро бо такя ба доираи васеи манбаъҳои илмӣ, аз ҷумла корҳои муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ нишон медиҳад. Дар кор мафҳумҳо ва категорияҳое, ки ҷомеаи иттилоотиро тавсиф мекунанд, ба монанди инфрасохтори иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотӣ, фарҳанги иттилоотӣ, амнияти иттилоотӣ дуруст истифода мешаванд. Асоснокии муқарраароти назариявӣ бо мантиқи пайдарпайи изҳорот, далелҳои хулосаҳо ва истинодҳо ба манбаъҳои бонуфуз тасдиқ карда мешавад. Муаллиф на танҳо бо номбар кардани равишҳои назариявии мавҷуда маҳдуд намешавад, балки таҳлили интиқодии онҳоро мегузаронад, ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи онҳоро ошкор мекунад, тафсирҳо ва такмилҳои худро пешниҳод менамояд.

Хулосаҳои илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда аз таҳлили маълумоти назариявӣ ва эмпирикӣ бармеоянд. Муаллиф хулосаҳои возеҳ ва асоснокро дар бораи вазъ ва тамоюлҳои рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон баён намуда, мушкилот ва ихтилофоти асосиро муайян намуда, самтҳои афзалиятноки рушдро муайян месозад. Пешниҳодҳои таҳиякардаи муаллиф хусусияти мушаххас ва амалӣ доранд, ки ба ҳалли мушкилоти мубрами ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон нигаронида шудаанд. Аз ҷумла, муаллиф тадбирҳоро оид ба рушди инфрасохтори

иттилоотӣ, баланд бардоштани сатҳи саводнокии компютерии аҳолӣ, такмили системаи маориф, рушди ҳукумати электронӣ, таъмини амнияти иттилоотӣ пешниҳод менамояд. Асоснокии хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ бо мувофиқати онҳо ба ниёзҳо ва имкониятҳои воқеии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад. Муаллиф хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии кишварро ба назар гирифта, тадбирҳои воқеӣ ва муассирро барои суръат бахшидан ба раванди ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ пешниҳод менамояд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз таҳлили маҷмуии раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ иборат аст. Вобаста ба объект ва пердмети таҳқиқот, инчунин бо назардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот дар диссертатсия масъалаҳои зерин таҳқиқ гардидаанд. Таҳлили ҳамаҷонибаи тағйирёбии фазои иттилоотии Тоҷикистон: бори аввал таҳлили ҳамаҷонибаи раванди ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон, ки омилҳои хоси иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии рушди кишварро ба назар мегирад, амалӣ карда шуд. Баръакси корҳои мавҷуда, ки ба ҷанбаҳои алоҳидаи иттилоотӣ тамаркуз мекунанд, ин тадқиқот назари ҳамаҷонибаро ба ин раванд пешниҳод мекунад. Муайян намудани омилҳо ва монеаҳои мавҷуда дар роҳи ҷомеаи иттилоотӣ: омилҳои таъсиррасоне, ки ба ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон мусоидат ва ё монеъ мешаванд, муайян ва ба низом дароварда шудаанд. Ба ин омилҳо сатҳи рушди инфрасохтори ТИК, дастрасии таҳсилот, дараҷаи ҷалби шаҳрвандон ба фазои рақамӣ, суботи сиёсӣ, заминаи меъёрию ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои иҷтимоию фарҳангӣ дохил мешаванд. Таҳияи механизми татбиқи ҷомеаи иттилоотӣ барои Тоҷикистон: механизми рушди ҷомеаи иттилоотӣ, ки ба шароити Тоҷикистон мутобиқ карда шудааст, пешниҳод карда шудааст. Ин гуна механизм афзалиятҳои миллии рушд, хусусиятҳои сохтори иҷтимоию иқтисодӣ ва анъанаҳои фарҳангиро ба назар мегирад. Он унсурҳои зеринро дар бар мегирад: рушди иқтисоди рақамӣ, ҳукумати электронӣ, таълими рақамӣ ва фарҳанги рақамӣ.

Арзёбии таъсири ҷомеаи иттилоотӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ: арзёбии таъсири ҷомеаи иттилоотӣ ба соҳаҳои гуногуни рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон, аз ҷумла рушди иқтисодӣ, шуғл, маориф, тандурустӣ ва фарҳанг гузаронида шудааст. Оқибатҳои мусбат ва манфии иттилоотӣ ошкор карда шудаанд ва инчунин чораҳои кам кардани хатарҳо пешниҳод гардидаанд. Таҳияи тавсияҳо оид ба суръат бахшидан ба раванди ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ: дар асоси таҳлили гузаронидашуда тавсияҳои

амалӣ оид ба суръат бахшидан ба раванди ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон, ки ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ равона шудаанд, таҳия карда шуда аст. Тавсияҳо доираи васеи масъалаҳоро дар бар мегиранд, аз ҷумла рушди инфрасохтори ТИК, баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ, ҳавасмандгардонии инноватсия, такмили заминаи меъёрию ҳуқуқӣ ва таҳкими ҳамкории байналмилалӣ.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Таҳқиқоти мазкур дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ ва омӯзиши равандҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шуда, дар он нисбат ба рушди ҷомеаи иттилоотии мамлакат хулосаҳои илман асоснокшуда баён гардидаанд. Бинобар ин, таҳқиқоти мазкур, пеш аз ҳама, дар шароити Тоҷикистон барои таҳқиқоти минбаъдаи ҷомеаи иттилоотӣ ва рушду инкишофи он заминаи илмию назариявӣ ба шумор меравад. Инчунин, дар асоси таҳлилу таҳқиқи консепсияҳои илмӣ зарурати ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ нишон дода шудааст, ки он барои асоснок намудани дурустии стратегияҳои давлатӣ ва сиёсати иттилоотонии мамлакат аҳамиятнок мебошад.

Дар раванди таҳқиқот дар баробари омӯзиши омилҳои сиёсии ҷомеаи иттилоотӣ, инчунин хусусиятҳои байнифаннии он ба инобат гирифта шудаанд. Зеро ҷомеаи иттилоотӣ на танҳо сиёсат, балки тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро мегирад. Аз ин рӯ, натиҷаҳои таҳқиқот ва маводи диссертатсияро дар раванди таълими фанҳои сиёсатшиносӣ, амнияти миллӣ, амнияти иттилоотӣ, ҷомеашиносӣ ва монанди инҳо, метавон истифода бурд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот барои муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши дигаргуниҳои сифатӣ ва равандҳои сиёсии замони муосир машғуланд, аҳамияти зиёди илмию назариявӣ доранд. Дар баробари ин, хулосаҳои таҳқиқоти мазкурро дар самти таҳияи барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ истифода намудан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Муаллиф дар раванди омӯзиши мавзӯъ доираи васеи адабиёти илмиро мавриди омӯзиш қарор дода, дар заминаи онҳо баррасиҳои худро асоснок намудааст. Ҳамаи адабиёти илмии дар рӯйхат ҷойгиршуда, воқеан ҳам дар поварақ ҳамчун иқтибос нишон дода шудаанд, ки чунин ҳолат эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро нишон медиҳанд. Инчунин эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз рӯйи методҳои илмии истифодашуда ва мувофиқати онҳо бо самти илмӣ асоснок карда мешавад.

Дар раванди таҳқиқот муаллиф методҳои муқоисавӣ, таҳлили системавӣ, функсионалӣ, сохторӣ, типологӣ, таҳлил ва таҷзияро ба таври васеъ истифода намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро ба таври мушаххас чунин баён намудан мумкин аст:

1.Муаллиф дар заминаи омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ мафҳум ва моҳияти ҷомеаи иттилоотиро мавриди таҳқиқ қарор дода, хусусиятҳои муҳими онро нишон додааст. Саҳми муаллиф дар ин раванд дар он ифода мeёбад, ки ӯ маҳмиши классикӣ ва муосири ҷомеаи иттилоотиро муайян намудааст.

2. Дар таҳқиқоти мазкур дар асоси таҳлили таҷрибаи давлатҳои пешрафта нақши давлат дар рушду инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ, моҳияти сиёсати иттилоотӣ ва сиёсати иттилоотонии давлат, тафовут ва алоқамандии онҳо, аҳамият ва муҳиммияти ин навъи сиёсат илман асоснок карда шудаанд.

3.Муаллиф ба масъалаи истифодабарии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди идоракунии давлатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, ба баррасии ташаккулёбии ҳукумати электронӣ машғул гардида, мушкилот ва дурнамои рушди ҳукумати электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон додааст.

4.Муаллиф талабот ва шарту шароитҳои рушди ҷомеаи иттилоотиро илман асоснок намуда, вобаста ба бартарафсозии мушкилиҳои ҷойдошта тавсияҳои амалӣ пешниҳод намудааст.

5.Заминаҳои рушду инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушкилот ва дурнамои ташаккулёбии он, хусусиятҳои ин раванд дар шароити мамлакат нишон дода шудаанд.

Ҳамин тариқ, аҳамияти илмии таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбад, ки дар заминаи хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот зарурати ташаккул додани ин навъи ҷомеа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шаванд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Дар доираи таҳқиқоти мазкур саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар пажӯҳиши мавзуъ ба таври зерин зоҳир мешавад: якум, таҳлил ва ба тартиби муайян арзёбӣ кардани заминаи меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти иттилоотӣ ва рушди инфрасохтори иттилоотии ҷомеа. Дар ин замина аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ таҳлили қонунҳо, фармонҳои Президент, қарорҳои Ҳукумат ва дигар санадҳои меъёрии муайянкунандаи ҳадафҳо, вазифаҳо, принсипҳо ва механизмҳои ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ гузаронида шудааст; дуюм, таҳияи тавсияҳои мушаххас оид ба

рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда тавсияҳои мушаххас оид ба рушди инфрасохтори иттилоотии ҷомеа, такмили сиёсати давлатӣ дар соҳаи иттилоотонии аҳолӣ, беҳтар намудани хизматрасониҳои электронӣ таҳия карда шудаанд, ки ба ҳалли мушкилоти мавҷудаи соҳа ва расидан ба ҳадафҳои гузошташуда равона карда мешаванд; сеюм, нашри мақолаҳои илмӣ ва иштирок дар конфронсҳои илмӣ дар мавзуи таҳқиқот. Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмӣ нашр шудаанд. Дар конфронсҳои илмии ҷумҳуриявӣ гузоришҳо пешниҳод карда шудаанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Довталаб вобаста ба мавзуи диссертатсия шаш мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст. Инчунин аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ду маърӯзаи илмӣ чоп намудааст. Интишороти довталаб ба талаботи бандҳои 34-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Боби якуми диссертатсия ба таҳқиқи асосҳои илмию назариявӣ ва хусусиятҳои консептуалии масъалаи ҷомеаи иттилоотӣ бахшида шуда, дар он бо дарназардошти мазмуну муҳтавои консепсияҳои классикӣ ва дар заминаи таҳлили назарияҳои илмии замони муосир мафҳум ва моҳияти ҷомеаи иттилоотӣ нишон дода шуда, нишонаҳо ва хусусиятҳои муҳимми ин навъи ҷомеа муайян гардида, заминаҳои рушду инкишофи он мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Зербоби аввали боби якум бевосита ба омӯзиши хусусиятҳои умумӣ ва мазмуну муҳтавои асосии ҷомеаи иттилоотӣ бахшида шуда, дар доираи ин зербоб таҳқиқоти дар ин соҳа анҷомёфта ва ба масъалаи мазкур бахшидашуда баррасӣ гардидаанд. Зербоби дуюми боби якум ба омӯзиши раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ, қонуниятҳо, заминаҳои рушду инкишофи он ва хусусиятҳои муҳимми ин раванд бахшида шудааст. Дар ин қисми диссертатсия қайд мегардад, ки рушди ҷомеаи иттилоотӣ бо рушди телекоммуникатсия ва технологияҳои иттилоотӣ робитаи қавӣ дорад, аммо дар баробари ин рушди соҳаҳои дигар ва махсусан сиёсати давлатӣ дар ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ нақши ҳалкунанда мебозанд.

Боби дуюми диссертатсия ба омӯзиши сиёсати иттилоотонии давлат, барномаҳо ва стратегияҳои иттилоотию сиёсии давлат, таҷрибаи давлатҳои тараққикарда ва созмонҳои байналмилалӣ ҷиҳати рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, истифодаи ТИК дар раванди идоракунии давлатӣ ва ташаккулёбии ҳукумати электронӣ бахшида шудааст. Зербоби якуми боби дуюм ба таҳлилу баррасии сиёсати иттилоотонии давлат ва барномаҳои давлатии дар соҳа қабулгардида бахшида шуда, дар он дар заминаи таҳлили муқоисавӣ муваффақиятҳои давлатҳои пешрафтаи олам дар самти ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ нишон дода шудаанд. Зербоби дуюми боби дуюм ба омӯзиши консепсияҳои нави идоракунии давлатӣ бахшида шуда, дар он самаранокии истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди идоракунии давлатӣ нишон дода шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаббусҳои Ҳукумати мамлакат ҷиҳати самаранок истифода намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, мушкилот ва дурнамои рушди ҳукумати электронӣ ва ҷомеаи иттилоотии мамлакат мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудаанд. Дар зербоби аввали боби сеюм заминаҳои меъёрию ҳуқуқии ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ ва татбиқи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар заминаи онҳо зарурият ва муҳиммияти ташаккулёбии ин навъи ҷомеа барои Тоҷикистон асоснок карда шудаанд. Зербоби дуюми боби сеюм ба омӯзиши шарту шароитҳои ташаккулёбӣ ва истифодабарии ТИК бахшида шуда, дар он таҳдиду хатарҳои иттилоотӣ ва новобаста ба мавҷудияти чунин таҳдиҳо зарурати ташаккул додани инфрасохтори иттилоотии мамлакат нишон дода шуда, монеаҳои дар ин самт мавҷуда баррасӣ гардидаанд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст гардида, ҷиҳати хубтару беҳтар ба роҳ мондани рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия ва пешниҳодҳои муаллиф баён гардидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ бо риояи муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ, ки бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ гардидааст, ба расмият даровард шудааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Таваров Дилшодҷон Саидмуродович ба ихтисоси илмии 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат менамояд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Дар таҳқиқоти мазкур дар баробари муваффақиятҳо, ба андешаи мо, чунин норасоиҳо низ дида мешаванд:

1.Дар боби аввали диссертатсия истифодабарии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар шароити ҷомеаи анъанавӣ ва мушкилоти таъмин намудани рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар ин гуна ҷомеа бояд нишон дода мешуд.

2.Нақши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар рушду инкишофи соҳаҳои ҳаётан муҳими мамлакат нишон дода нашудаанд. Хуб мебуд ба ин масъала низ таваҷҷуҳи бештар дода мешуд.

3.Агар муаллиф нақшаҳои дохили диссертатсияро дар шакли замима дар охири кор ҷойгир менамуд, хубтар мебуд. Зеро дар таҳқиқотҳои дигар дар аксар маврид дар чунин шакл замимаҳоро таҳия менамоянд.

4.Маълумот дар бораи аҳамияти порталҳои миллӣ ва системаҳои иттилоотӣ камтар ба назар мерасанд.

Камбудию норасоиҳои нобаргардида сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти минбаъдаи довталаб самаранок арзёбӣ мегарданд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқаррааргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар мавзуи «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси номбаргардида мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби профессори кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ Тураева З.Ю. омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №13, аз 17.06.2025).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 11 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 11 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедраи сиёсатшиносӣ ва
робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои сиёсӣ Музаффарзода Фазлиддин ____________

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Тураева З.Ю. ____________

Котиби илмии ҷаласа:
номзади илмҳои сиёсӣ Расулзода Рухсора ____________

Имзоҳои Музаффарзода Ф., Тураева З.Ю. ва Расулзода Р.–ро тасдиқ менамоям:

Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Зоирхонзода Ф.З. ____________

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
н. Исмоили Сомонӣ, к. Саид Носир 33.
Тел.: (992-37) 224-89-45
E-mail: info@apa.tj